**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Муассисаи давлатии
таълимии "Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд"
н.и.и., дотсент __________ Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
«29» __________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи кафедраи ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд" аз 28 апрели соли 2022 оид ба рисолаи диссертатсионии Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ) аз рӯи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Диссертатсияи номзадии Саидова Ситора Назаровна оид ба мавзуи "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) аз рӯи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ дар кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ омода гаштааст.

28 апрели соли 2022 рисолаи номзадӣ ба кафедра барои муҳокима пешниҳод карда шудааст. Дар давоми омода намудани диссертатсия унвонҷӯ Саидова Ситора Назаровна чун омӯзгори калони кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ фаъолият мебарад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ Солиҷонов Расулҷон мебошад.

Саидова Ситора Назаровна 24.08.1989 таваллуд ёфтааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013 факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ тамом кардааст. Аз соли 2016 ба сифати ассистенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ шуда, фаъолият мебарад. Аз соли 2017 чун унвонҷӯи кафедра таҳқиқоти илмии худро оғоз намудааст.

Диссертатсияи номзадии Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод гаштааст, дар кафедраи ҷомеашиносии ДИС ДДТТ муҳокима карда шуд. (Протоколи № 10, аз 28 апрели соли 2022).

Дар муҳокима роҳбари илмӣ Солиҷонов Р.-доктори илмҳои фалсафа, Мирбобоев М.Қ. - профессори кафедра, Алиева Р.Р.- доктори

илмҳои таърих, Ҷонназарова Д.Х. - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, Дониёрова М.М. - дотсент, Устобоева Д. М. - номзади илмҳои фалсафа, Мирбобоева Т. - номзади илмҳои таърих ширкат варзиданд.

Аз рӯи натиҷаи муҳокимаҳо доир ба баррасии кори диссертатсионии Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ **хулосаи зерин қабул гашт**.

Диссертатсияи омодагашта кори таҳқиқотии ба анҷом расида буда, ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи мазкур ба таҳқиқи яке аз мавзуи муҳим: "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" бахшида шудааст. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ҳамчун манбаи ҳар гуна тағйирёбию инкишоф, тағйирёбии шакли зуҳури зиддият ва низоъҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, вусъати нақши субъекти сиёсӣ (Пешвои сиёсӣ) дар ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ, сабаб ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, ваҳдати миллӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамчун василаи ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ, дар заминаи таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон ташаккул ёфтани "модели тоҷикона"-и ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Унвонҷӯ дар диссертатсия нишон додааст, ки муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ яке аз мавзуъҳои меҳварии фалсафаи иҷтимоӣ буда, аз лиҳози амалияи ҷомеасозӣ ва давлатсозии муосир аз дирӯза дида, аҳамияти бештар касб намудааст. Ва ба андешаи муаллифи диссертатсия ин фикр тасодуфӣ нест, зеро зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ҳамеша пайгири ҷомеаҳо буда, онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вусъати рақобати байни давлатҳо ва ҷомеаҳо баҳри манфиатҳои геостратегӣ ва геосиёсии худ, аз нав тақсим намудани ҷаҳон ва авҷгирии "ҷангҳои иттилоотӣ" баҳри ғасби ақлу ҳуши инсон моҳияту зуҳурот, сабабу натиҷа ва воқеияту имконияти зуҳурашон тағйир ёфта, бо хислату паҳлуҳои нави то ба ҳол омӯхтанашуда ба назар намоён мегардад.

Падидаҳои зиддият ва низоъҳоро дар заминаи таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон таҳлил намуда, унвонҷӯ таъкид намудааст, ки ҳалли мусолиҳатомезонаи онҳо дониш, маҳорату малака, масъулият, тафаккури эҷодӣ, дарк намудан ва қобилияти баланди идоракунии равандҳои иҷтимоию сиёсиро талаб менамояд. Санъати баланди субъектҳои идоракунии зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ бояд дар он зуҳур ёбад, ки мафҳумҳо ва арзишҳое дарёфт гарданд, ки ҳар ду тарафи мутақобиларо консъ гардонида тавонанд. Агар ин андешаро вобаста ба низои байни тоҷикон матраҳ намоем, тоҷикон, ки дар гузашта таҷрибаи

кофии ҳалли зиддият ва низоъҳоро надоштанд, ба таърихи гузаштаи худ назар афканда чунин мафҳумҳоро ба мисли “ваҳдати миллӣ”, “ризоияти миллӣ” ва “таҳаммулпазирӣ”- ро рӯи кор овարданд, ки онҳо василаи муҳими ҳалли низои байни тоҷикон гаштанд.

Баробари ин, таҳлили таърихи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон собит менамояд, ки ҳалли онҳо дар зинаҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба заиф гаштани назария ва методологияи маърифати равандҳои ҳастии иҷтимоӣ вобаста буд. Мафҳумҳо ва конструксияи методологии дар фалсафаи пешин ҷой дошта, дигар имконияти азнавдарккунии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва сафарбаркунии иҷтимоии одамонро намедоданд. Ин ҷанбаи мавзуъ дар вобастагӣ ба сиёсати сулҳофарини Пешвои миллат – Эмомалӣ Рахмон ба қазовати фалсафӣ-иҷтимоӣ кашида шуда, таъкид мегардад, ки яке аз хизматҳои бузургу мондагори он кас аз он иборат аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ ӯ тавонист як мактаби фарогир, таҳаммулпазир ва сулҳофаринро бунёд намояд. Унвонҷӯ дар заминаи ин андеша хулоса намудааст, ки маҳз ҳамин **модели нави давлатдорӣ** буд, ки Тоҷикистонро аз шиканҷаи зиддиятҳои харобиовар, нобудӣ наҷот бахшид, ҳамакнун тоҷикон хатари нобудиро паси сар гузошта, амнияти хешро дар ҷомеаи пуртаҳлукаи имрӯзаи ҷаҳон ҳифз менамоянд.

Дар диссертатсия ба таври возеҳ муайян карда шудааст, ки модели нави давлатдорӣ заминаи модел ва технологияи нави ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ гашт. Бесобиқагии ин таҷриба дар он аст, ки дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ дар илми низоъшиносӣ модели нави ҳалли низоъҳое, ки ба дараҷаи муқовимати ҳарбӣ расида, бунёд карда шуд. Таҳлили иҷтимоӣ-фалсафие, ки гузаронида шуд, маълум кард, ки имрӯз дар илми низоъшиносӣ **модели тоҷикии** ҳалли зиддият ва низои иҷтимоӣ арзи вуҷуд намуд. Зикр гаштааст, ки таҷрибаи тоҷикон дар ин самт ҳам дар доираҳои илмии дохилию байналмилалӣ ва ҳам дар доираҳои сиёсӣ расман эътироф гашта, мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон меъмори назария ва консепсияи **модели тоҷикии** ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд.

Дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия зикр ва хулоса гардидааст, ки ҷаҳони имрӯза хеле осебпазир буда, зери фишори омилҳои зиёд қарор дорад. Абарқудратхо ба ҳар роҳу васила, ҳеҷ чизро дареғ надошта, майл ба он доранд, ки дар ҷаҳон яккаҳукмронии худро таъмин намоянд.

Чунин вазъият аз намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа, зубдагони сиёсӣ тақозо менамояд, ки онҳо манфиатҳои миллиро дарк намуда, онро ҳифз намоянд, ваҳдати миллии худро аз даст надода, дар маҷмуъ онро ҳамчун сутуни устуворгардонии Истиқлолияти давлатӣ истифода намоянд.

**Муҳим ва саривақтӣ** будани мавзуи интихобшудаи таҳқиқот ба якчанд омилҳо вобаста мебошад. Аз як тараф, тавре унвонҷӯ зикр менамояд, гарчанде ҷомеаи Тоҷикистон давраи пуршиддати зиддияту низоъҳои иҷтимоиро паси сар карда, рӯ ба сулҳу субот оварда бошад ҳам, аммо омилҳои дохилӣ ва берунии сарзадани низоъ пурра бартараф карда нашудаанд, аз тарафи дигар – вазъи ноустувор ва пуртаҳлукаи низоми ҷаҳони муосир, ки зиддияту низоъҳои иҷтимоиро фаъол гардонидааст, тақозо менамоянд, ки мавзуи мазкур ба таври ҳамешагӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дошта бошад.

Унвонҷӯ дар кори таҳқиқотии хеш ғояҳои муҳаққиқони варзидаи ватаниву хориҷиро омӯхта, дар раванди таҳлилу баррасии мавзуъ ба таври фарогир аз онҳо истифода бурдааст. Арзишмандии андешаҳои дар таҳқиқоти солҳои пешинро муайян намуда, унвонҷӯ ҳамзамон таъкид менамояд, ки муаммои зиддият ва низоҳои иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва модернкунонии ҷомеа паҳлуҳои наверо касб менамояд, ки онҳо ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд. Аз ҷумла дар раванди ҳалли зиддият ва низои байнитоҷикон яққатор мафҳумҳои нав, ба мисли "низои таҳмилӣ", "фарҳанги таҳаммулпазирӣ", "созиши миллӣ", "оштии миллӣ" ва "ваҳдати миллӣ" ба фазои илмҳои ҷомеашиносӣ ворид гаштанд, ки аз лиҳози дастгоҳи маърифат ва ҳалли зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ ба таври кофӣ корбаст нагаштаанд. Илова бар ин, дар ҷомеаи пасонизоии тоҷикистонӣ ҳанӯз ҳам манбаҳои сар задани зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ боқӣ мемонад, ки бознигарии заминаҳои назариявию методологӣ ва таҳқиқи роҳу усулҳои пешгирӣ ва ҳалли онҳоро тақозо менамояд.

**Ҳадафи асосии** таҳқиқоти диссертатсионӣ бознигарии ҷанбаҳои гносеологӣ ва методологияи таҳқиқи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ, муайян намудани шаклҳои нави зуҳури онҳо, асоснокгардонии заминаҳои назариявӣ ва методологии ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

**Заминаҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқотро методологияҳои фалсафаи созиш (конвенсиализм) ва конструктивизми иҷтимоӣ омода гаштааст, ки онҳо аз асарҳои бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,

ҳамчунин аз андешаҳои баёнгаштаи муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ маншаъ мегирад.

**Заминаҳои методологии** рисоларо усулҳои сохторгароӣ-функсионалӣ, системавӣ, институтсионалӣ ва принсипҳои диалектика ва синергетика ҳамчун методологияҳои маърифати зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон истифода бурда шудааст.

**Навгонии таҳқиқоти мазкур аз нуктаҳои зерин иборат мебошад:**

- таҷрибаи нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи пасошӯравӣ омӯхта шуда, аз он хулосаҳои назариявӣ ва методологӣ бардошта шудааст, ки онҳо барои пешгирӣ ва ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои муосир аҳамияти прагматикиро доро мебошанд.
- назария ва методологияи таҳқиқи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди бознигарӣ қарор дода шуда, ҷойгоҳи чунин парадигмаҳо ба мисли *фалсафаи конвенсиализм, конструктивизми иҷтимоӣ, принсипҳои парадигмаи синергетика ва диалектика ҳамчун таълимот дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишоф* дар ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ муайян карда шудааст;
- дар раванди таҳлили заминаҳои методологии мавзуи таҳқиқшаванда, тағйирёбии мазмун ва шакли зуҳури мафҳумҳои “зиддияти иҷтимоӣ” ва “низои иҷтимоӣ” мушаххас гардонида шудааст;
- дар ин робита, вижагиҳои робитаи тарафайни мутақобилаҳо дар зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон омӯхта ва мушаххас гардонида шуда, чунин падидаҳо ба мисли ваҳдати миллӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамчун василаҳои ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ва устувор гардонии сулҳу суботи ҷомеа муқаррар гардидааст;
- дар ин радиф, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати бемайлони технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва дар ин замина арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави зуҳурёбии зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ – “ҷангҳои иттилоотӣ” ва таҳдиду хатарҳои онҳо ба рушди муназзами ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян гардидааст;
- дар заминаи таҷрибаи нодири ҷомеаи пасонизоии Тоҷикистон нақши субъектҳои сиёсӣ (Пешвои сиёсӣ) дар ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва натиҷабардорӣ қарор дода шудааст;
- бо истифодаи қонун ва категорияҳои фалсафаи иҷтимоӣ ҷанбаҳои прагматикии зиддият ва низои иҷтимоӣ, яъне сабабҳо ва оқибатҳои зиддият ва низоъҳои иҷтимоии дар мисоли ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ

дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз он натиҷабардориҳо карда шудааст;

- фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамчун воситаи муҳими ҷилавгирӣ аз зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ карор дода шудааст.

- дар заминаи таҷрибаи нодир ва беназирӣ сулҳофарини тоҷикон ташаккули "модел ва технологияи тоҷикӣ"-и ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ омӯхта шуда, аҳамияти он на фақат дар фарогир гаштани тасаввурот дар бораи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ, балки амалияи ҷомеасозии муосир муайян карда шудааст;

зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ афзалият пайдо намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тахқиқот.** Муаллиф аҳамияти назариявӣ-методологии рисоларо дар он мебинад, ки хулосаҳои тахкикотро метавон ҳангоми таҳияи консепсияи эҳёи миллӣ ва худшиносӣ, суботи иҷтимоӣ, муайян намудани сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлат истифода кард.

Маводи диссертатсиониро ҳамчунин метавон ҳангоми таълими курсҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, низоъшиносӣ, омӯзиши масъалаҳои миллатҳо ва муносибатҳои миллӣ ва ҳамчунин ҳуқуки байналмиллалӣ, сиёсати байналмилалӣ, дипломатияи байналмилалӣ ва тадриси курсҳои махсус истифода кард.

**Натиҷаҳои тадқиқоти рисолавӣ** дар якчанд мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, дар фишурдаҳо ва маърӯзаҳои илмии конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, байналхалқӣ ва анъанавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ДИС ДДТТ мавриди нашр қарор ёфтаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, Саидова Ситора Саидовна аз ӯҳдаи вазифаҳои гузошта шуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ таҳқиқоти ба охир расида, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ҷорӣ нест. Бешубҳа хулосаву натиҷаҳои ба даст даромада, барои рушд ва такмили илмҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология ва низоъшиносӣ дар оянда хизмат менамоянд.

**Маводҳои назариявӣ ва эмпирикии** истифода гашта, методологияи таҳқиқот ба талаботҳои ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Рисолаи Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи "Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо" (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудаст, мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҷомеашиносии МТД Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар ш.Хуҷанд, ки рӯзи 28 апрели соли 2022 (Протоколи №10) баргузор гашта қабул шуд ва рисола барои баррасӣ дар Шӯрои олимони факултети Молия ва ба ҳисобгирии бухгалтерии ДИС ДДТТ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҷаласа ширкат варзиданд: 23 нафар

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор – 23 зид -нест, бетараф нест

Протоколи № 10 аз 28 апрели соли 2022

Раисикунанда, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ ДИС ДДТТ
номзади илми фалсафа, дотсент — Ҷонназарова Д.Х.

Котиби масъул: — Ғафурова С.

Имзои дотсент Ҷонназарова Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДИС ДДТТ: — Маҳмудов Ш.У.

29.04.2022